***УДК 36.1/5***
***ББК 65.261.411***

***МУАММОҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАРҲАНГИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***

***Салимова Муҳайё Музафаровна,*** *н.и.и., дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ПРОБЛЕМЫ ПОВЫШЕНИЯ НАЛОГОВОЙ КУЛЬТУРЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН***

***Салимова Мухайё Музафаровна,*** *канд.экон.наук, доцент, заведующая кафедрой налогов и налогообложения ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***THE PROBLEMS OF ELEVATION OF TAX CULTURE IN TAJIKISTAN REPUBLIC***

***Salimova Mukhayo Muzafarovna,*** *candidate of the sciences of economics, Associate Professor, head of the department of taxes and taxation under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *smuhoye-79@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *фарҳанги андозӣ, андозсупорандагон, назорати андоз, маърифати андозсупорӣ, пардохти андоз, мақомоти андоз, қонунгузории андоз, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои андозсупорандагон*

*Масъалаҳои фарҳанги андоз дар соҳаи андозбандӣ, аз ҷумла мафҳуми фарҳанги андоз, намуд ва сатҳҳои фарҳанги андоз баррасӣ шудаанд. Фарҳанги андоз дар соҳаи андозбандӣ ҳамчун шарти зарурии баҳамтаъсиррасонии самараноки байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон таҳқиқ карда шудааст. Механизми эътимоди ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги андози андозсупорандагон таҳлил карда шуда, ба тафовути мафҳумҳои «маърифати андозсупорӣ» ва «фарҳанги андоз» диққати махсус зоҳир дода шудааст. Муқаррар гардидааст, ки фарҳанги андоз як ҷузъи фарҳанги иҷтимоӣ буда, барои ноил шудан ба сатҳи зарурии фарҳанги андоз дар ҷомеа фароҳам овардани шароити махсус тақозо карда мешавад. Хулоса шудааст, ки айни замон ташаккули эътимоднокии аҳолӣ ва соҳибкорӣ ба давлат, аз ҷумла ба мақомоти андоз  вазифаи асосии мақомоти андоз баҳри баланд бардоштани фарҳанги андоз ба ҳисоб меравад.*

***Ключевые слова****: налоговая культура, налогоплательщики, налоговый контроль, налоговая грамотность, уплата налогов, налоговое законодательство, права и обязанности налогоплательщиков*

*Рассмотрены вопросы правовой культуры в сфере налогообложения: понятие «налоговая культура», виды и уровни налоговой культуры. Правовая культура в сфере налогообложения рассматривается как необходимое условие эффективного взаимодействия между налоговыми органами и налогоплательщиками. Анализируется механизм правового убеждения в формировании налоговой культуры, акцентируется внимание на различии в понятиях «налоговая грамотность» и «налоговая культура». Установлено, что соблюдение прав и обязанностей налогоплательщиками определяется уровнем их налоговой культуры. Установлено, что налоговая культура является частью общественной культуры, но для достижения необходимого уровня налоговой культуры обществу необходимо создавать специальные условия. Сделан вывод о том, что в настоящее время ключевая задача налоговых органов для повышения налоговой культуры –*

*сформировать доверие населения и бизнеса к государству, в том числе к налоговым органам.*

**Key words:** *tax culture, taxpayer, tax control, tax literacy, payment of taxes, tax law, rights and obligations of taxpayers*

*The article dwells on the issues of tax culture in the sphere of taxation: "tax culture" notion, types and standards of tax culture. Legal culture in the sphere of taxation is considered as necessary condition for effective interaction between taxation bodies and taxpayers. A mechanism of legal conviction in tax culture formation is analyzed, attention is riveted to the difference concerned with the notions "tax literacy" and "tax culture". It is set out that observance of rights and duties of taxpayers is determined by their tax culture standards. Tax culture is a part of social culture, but for an attainment of necessary tax culture standard society ought to create special conditions. The conclusion is made that at the present time a key assignment of tax bodies as to tax culture elevation is to form trust to state, tax bodies inclusive, on the part of population and business.*

Андозбандӣ дар шароити муосир аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи фарҳанги андозсупории андозсупоранда, ки аз бисёр ҷиҳат рафтори андозии ҳамаи иштирокдорони ин равандро муайян менамояд, вобастагӣ дорад. Рафтори андозии андозсупорандагон бо арзишҳои муайян, аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳавасмандиҳо ва анъанаҳое, ки бевосита ба ташаккули фарҳанги андозӣ таъсир мерасонанд, тавсиф карда мешавад [2, 4].

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ ташаккули фарҳанги андоз ва маърифати андозсупории шаҳрвандон муаммои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа бидуни азнавсозии ниҳодҳои давлатие, ки ҷараёнҳои пулиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва тақсим менамоянд, ғайриимкон аст. Азбаски зиёда аз 80 фоизи воридоти даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби андоз ва дигар пардохтҳо таъмин карда мешавад, андозбандӣ ва рушди он дар шароити тағйирёбандаи иқтисодиёти муосир яке аз бахшҳои муҳимми низоми андозбандӣ боқӣ мемонад.

Тибқи назарияи профессори амрикоӣ донишгоҳи Гарвард Дж. Хоманс «фарҳанги андоз маҳсулоти устувори мубодилаи фаъолияти мақомоти андоз ва дигар мақомоте, ки дар раванди андозбандӣ иштирок менамоянд, аз як тараф, ва андозсупорандагон, аз тарафи дигар мебошад». Фарҳанги андоз – қисми фарҳанги умумимиллии давлат буда, бо ҳамкории миёни давлат ва андозсупорандагон дар низоми андоз робитаи зич дошта, дараҷаи дониш ва риоя намудани қонунгузории андоз аз тарафи иштирокдорони муносибатҳои андозӣ, таъмини иҷрои пурра ва саривақтии ӯҳдадориҳои андоз дар назди буҷет, усулҳои ҳисобкунии андоз ва дигар пардохтҳоро ташаккул медиҳад.

Фарҳанги андоз яке аз меъёрҳои муайянкунандаи хусусияти муносибатҳои миёни ҷомеа ва давлат буда, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ дар соҳаи андозбандӣ аксар вақт сабаби саркашии андозсупорандагон аз пардохти андоз, инчунин суъистифода аз ваколатҳо аз тарафи мақомоти маъмурикунонии андоз мегардад. Таҳқиқи масъалаҳои маърифати ҳуқуқӣ дар соҳаи андозбандӣ аҳамияти муайяни амалӣ дошта, муайян кардани мафҳуми «фарҳанги андоз»-ро тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳамоҳангсозии муносиби манфиатҳои давлат ва манфиатҳои андозсупорандагон, ки ба барпо намудани муносибатҳои шариконаи миёни онҳо равона карда шудаанд, заминаи мустаҳками фарҳанги андозро ташкил медиҳанд. Худи мафҳуми «фарҳанги андоз» ҳамчун мавқеи шаҳрвандии аҳолӣ нисбат ба пардохти андоз ва низоми

андозбандӣ дар маҷмӯъ муайян карда шуда, аз нигоҳи мо, ин истилоҳ нисбат ба ҳар як шахс ва барои ҷомеа дар маҷмӯъ татбиқ карда мешавад. Якум, мундариҷаи мафҳуми «фарҳанги андоз»-ро шартан ба ду унсури баҳамалоқаманд ҷудо намудан мумкин аст: унсури аввал, хусусияти ҳуқуқи умумӣ, ки дарки иҷрои ӯҳдадории конститутсионии пардохти андозро пешбинӣ мекунад ва унсури дуюм – донистани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мушаххас дар соҳаи андозбандӣ, маҳорати дар амал татбиқи намудани онҳоро дар назар дошта мешавад. Дуюм, сатҳи фарҳанги андоз – меъёри арзёбии рафтори ҳуқуқии ҷомеа дар соҳаи андозбандӣ мебошад. Сеюм, сатҳи фарҳанги андозсупорӣ метавонад паст, миёна ё баланд бошад. Чорум, фарҳанги андоз на танҳо самти фарҳанги ҳуқуқӣ, балки ҷузъи фарҳанги иҷтимоӣ низ мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқон, фарҳанги андоз қисми фарҳанги умумимиллиест, ки бо фаъолияти иштирокдорони муносибатҳои андозӣ алоқаманд буда, сатҳи дониш ва риояи қонунгузории андоз, дурустии ҳисобкунӣ, пардохти пурра ва саривақтии андоз ва дигар пардохтҳоро ба буҷети давлатӣ, донистани ҳуқуқҳо, иҷрои ӯҳдадориҳоро, ки аз дарки муҳимияти пардохти андоз барои давлат ва ҷомеа бармеояд, инъикос менамояд [1,32].

Фарҳанги андоз ҳамчун ҷузъи фарҳанги сиёсӣ аз фаҳмиши шаҳрвандон оид ба зарурати пардохти андоз барои давлат ва ҷомеа, инчунин донистани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои пардохти он иборат буда, аз бисёр ҷиҳат аз шуури аҳолӣ, муносибати онҳо нисбат ба ҳокимият, ахлоқи ҷомеа ва менталитети ҳар як шахс вобастагӣ дорад. Ҳамчун як ҷузъи фарҳанги иҷтимоӣ, фарҳанги андоз ҳам ҷанбаи ҳуқуқӣ ва ҳам эътирофи андозбандиро ҳамчун унсури ҷудонопазири мавҷудияти ҷомеа дар бар мегирад. Сатҳи пасти фарҳанги андози шаҳрвандон ва кормандони мақомоти андоз татбиқи самарабахши усулҳои танзими ҳуқуқиро маҳдуд менамояд.

Мафҳуми «маърифати андозсупорӣ» ва «фарҳанги андоз» тавъам буда, маърифати андозсупорӣ донистани ҳуқуқи андоз буда, фарҳанги андоз бошад, на танҳо донишҳо, балки рафтори қонунии субъектро дар муҳити андозӣ бо дарки аҳамияти ҷамъиятии андозбандӣ пешбинӣ мекунад. Дар баъзе маврид, маърифати андозсупорӣ шарти рафтори ғайриқонунӣ дар соҳаи андоз мегардад, зеро суъистифода аз қонун яке аз зуҳуроти рафтори ғайриқонунӣ дар муносибатҳои андозиест, ки он ҳам аз ҷониби мақомоти андоз ва ҳам субъектҳои андозсупор имконпазир мебошад.

Сатҳи пасти фарҳанги андоз, мутаносибан, фарқияти байни маблағи воридоти андозӣ ва ҳаҷми воқеии онҳо то андозае аз сабаби нокифоя будани маърифати андозсупорӣ мебошад. Дар заминаи таҳлили усулҳои баланд бардоштани фарҳанги андози иштирокдорони муносибатҳои андозӣ ба назар мерасад, ки қадами аввал дар ин самт такмил додани қонунгузории андоз мебошад. Татбиқи амалии қонунгузории андоз гувоҳӣ медиҳад, ки аксари ҳуқуқвайронкунии андоз аз тарафи андозсупорандагон қасдан содир карда шуда, барои мақомоти андоз бошад, хусусияти ҷазои назорати андоз дорад, ки чунин муҳити корӣ барои рушди ҳамкории самарабахши андозсупорандагон ва мақомоти андоз мувофиқ намебошад.

Унсури асосии маърифати андозсупорӣ ва фарҳанги андоз интизоми андозӣ мебошад, ки аз таълими мунтазам, сайқал додан ва назорати қобилиятҳои маънавӣ ва молиявӣ ва имкониятҳои андозсупорандагон иборат мебошад.




***Расми 1.*** *Сабабҳои асосии рафтори номатлуби андозсупорандагон*

Қонунгузории андоз фаъолияти иштирокдорони муносибатҳои андозиро танзим мекунад, ки бо фарҳанги андози шаҳрвандон бевосита алоқаманд аст. Принсипҳо ва татбиқи одилонаи меъёрҳои қонунгузории андоз низоми арзишҳои ҷомеаи мутамаддинро ифода менамояд. Муттаҳидсозии онҳо ташаккули сатҳи умумии давлатро дар назар дорад, ки дар он ҳар як субъекти муносибатҳои андозӣ сатҳи муайяни фарҳанги андоз дорад. Ба ҳар сурат, ҷомеа аз муаммоҳои вобаста ба сатҳи пасти фарҳанги андоз орӣ набуда, сабабҳои он, ба андешаи мо, инҳоанд:

- гаронии баланди андоз, ки хоҳиши андозсупорандаро барои саркашӣ намудан аз пардохти андоз ба вуҷуд меорад;
- мавҷуд набудани асосҳои маърифати андозсупорӣ миёни аҳолӣ;
- ҷузъи баланди коррупсионӣ;
- сиёсати бесамари андоз, ки бо набудани ҳавасмандии иҷтимоӣ дар миёни аҳолӣ алоқаманд аст.

Раванди такмили заминаи ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии сиёсати фискалӣ, азнавсозии механизми маъмурикунонии андоз ҳадафи татбиқи тадбирҳои вобаста ба баланд бардоштани фарҳанги андоз дар мамлакат мебошад. Рушди назариявии самтҳои асосии ташаккули фарҳанги андоз аз ҷиҳати илмӣ, ташаккули сохтор ва ҷузъи функсионалии фарҳанги андоз, ба таври муназзам муайян кардани шаклу қоидаҳои он ба баланд бардоштани сатҳи дахлдори маърифати андозсупорӣ мусоидат менамояд [6, 131].

Ниҳоди пешрафтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи муҳим ва омили мавҷудияти унсурҳои

фарҳанги баланди андозсупорӣ маҳсуб мешавад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз лиҳози андозбандӣ – ҷамъияти андозсупорандагони бомасъулият аст, ки ба фаъолияти самарабахши мақомоти дахлдори давлатӣ такя намуда, қодир аст манфиатҳои қонунии худро ҳимоя намояд.

Нишондиҳандаи мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандӣ низоми назорати ҷамъиятӣ дар маҷмӯъ мебошад, ки дар барпо намудани муносибатҳои самарабахши андозӣ нақши муҳим мебозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоде нест, ки бо муаммоҳои такмили низоми миллии андоз сару кор дошта бошад. Аксар вақт, тағйироте, ки дар қонунгузории андоз ба амал меоянд, номураттаб буда, дар навбати худ, ба фазои сармоягузории давлат таъсири манфӣ мерасонад. Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги андози андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз – шарти муҳимми ҳамкории воқеии миёни онҳо мебошад. Азбаски фарҳанги андоз ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги ҳуқуқӣ аст, дар маҷмӯъ рушди фарҳанги андоз аз сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Аммо, ба сатҳи фарҳанги андоз як қатор омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- муқаррар намудани чунин андозҳое, ки ҳам барои фаъолияти давлат кофӣ бошанд ва ҳам ба андозсупорандагон гаронӣ накунанд;
- истифодаи самарабахши даромади андозии давлат;
- содаю возеҳ ва босубот будани қонунгузории андоз ва ғайра.

Самаранокии воридоти андоз на танҳо аз ҳисоби татбиқи усулҳои муосири корҳои назоратии мақомоти андоз, истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, азнавсозии инфрасохтори иттилоотӣ, балки аз ҳисоби омили инсонӣ низ таъмин карда мешавад. Афзалияти рушди мақомоти андоз дар шароити муосир баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон буда, дар ин раванд ба мақсади баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (соли 2012) таҳия карда шудааст, ки бо дарназардошти таҷрибаи андӯхта ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, вазифаҳо ва афзалиятҳои нави мутобиқ ба талаботи муосир муайян карда шуданд. Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда пешниҳод карда мешавад, ки самтҳои асосии зерин амалӣ карда шаванд.

Рушди фарҳанги андоз ва ҳавасмандгардонии андозсупорандагон, пеш аз ҳама, тавассути тақвияти робитаи мақомоти андоз бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ – андозсупорандагон. Самти мазкур тавассути сиёсати иттилоотонии мақсаднок бо назардошти хусусиятҳо, талабот ва имконоти гурӯҳҳои муайяни андозсупорандагон татбиқ карда мешавад. Ин ҷо истифодаи воситаҳои муосири иттилоотонӣ, аз қабили шабакаҳои терминалҳои иттилоотӣ, маводи чопии иттилоотӣ, баромадҳо дар ВАО дар назар дошта шудааст. Иттилоотонии андозсупорандагон – воситаи мустақил, муассир ва самарабахш дар фаъолияти мақомоти андоз мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии андоз равона карда шудаанд.

Имрӯз барои андозсупорандагон дар сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 56 номгӯйи модулҳои хизматрасони электронӣ ба роҳ монда шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 20 адад зиёд буда, истифодаи онҳо ба иҷрои ӯҳдадориҳои андози андозсупорандагон мусоидат менамояд.

Дар соли 2020 ба Кумитаи андоз оид ба масъалаҳои андозбандӣ, тартиби истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ва барномаҳои компютерӣ дар маҷмӯъ зиёда аз 30,2 ҳазор адад муроҷиатҳои телефонӣ ворид гардид, ки нисбат ба соли 2019-ум 11,0 ҳазор адад ё 27,0 фоиз кам мебошад.

Дар ин давра тавассути Маркази тамос ва телефони боварии раиси Кумита 154 адад

мурочиатҳо нисбати беамалӣ ё амалҳои ғайриқонунии кормандони мақомоти андоз ворид шуда, дар натиҷаи баррасии онҳо барои дар сатҳи дахлдор риоя ва иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, вайрон намудани қоидаҳои рафтори кормандони мақомоти андоз ва дигар камбудиҳо, нисбати 70 нафар кормандон тибқи тартиби муқарраршуда муҷозоти гуногуни интизомӣ татбиқ карда шуд [5] .

Таҷрибаи Кумитаи андоз дар самти маъмурикунонии андоз нишон медиҳад, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ яке аз беҳтарин ва самараноктарин усули таъмини риояи қонунгузории андоз ба ҳисоб меравад. Солҳои охир Кумитаи андоз тарз ва усулҳои гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиро тағйир дода, айни замон, корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути нашрияҳои расмӣ, ТВ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра ба роҳ монда шудаанд.

Ҳамин тариқ, такмили усулҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, додани тавзеҳот ба андозсупорандагон аз тарафи мақомоти андоз, тақвият бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба ташаккули назари андозсупорандагон нисбат ба мақомоти андоз мусоидат менамояд. Танҳо дар ин ҳолат муносибатҳои эътимодноки мақомоти андоз ва андозсупорандагон имконпазир аст.

Лозим ба таъкид аст, ки муаммои фарҳанги пасти андозсупорӣ танҳо ба Тоҷикистон хос нест, хусусияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нобоварии аҳолӣ ба ниҳодҳои давлатӣ, ки дар раванди андозбандӣ иштирок мекунанд, мебошад. Рафтори андозии аҳолӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳавасмандиҳо, анъанаҳое, ки ба фарҳанги андозӣ таъсири мустақим мерасонанд, муайян карда мешавад. Айни замон, дар мамлакат як стереотипи манфии рафтор дар соҳаи андоз ба вуҷуд омадааст, маданияти андозсупорӣ дар сатҳи паст буда, нобоварии шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкорӣ нисбат ба низоми андоз, кӯшиши саркашӣ намудан аз пардохти андоз ҷой дорад, ки тамоюли афзояндаи ҳуқуқвайронкуниҳои андоз гувоҳи он аст. Вобаста ба ин, ташаккул ва рушди фарҳанги андоз муҳим арзёбӣ мегардад.

Механизми ташаккули фарҳанги андоз маҷмӯи унсурҳои бо меъёрҳои қонунгузорӣ муқарраршудаи ташаккули муносибатҳои андозӣ, намуд ва шаклҳои ташкили ин муносибатҳо, тарзу воситаҳои таъмини татбиқи вазифаҳои фарҳанги андозиро ифода менамояд [4,154].

Механизми ташаккули фарҳанги андоз се зернизоми алоқамандро дар бар мегирад, ки мундариҷаашон иборат аст аз: механизми ташаккули фарҳанги андозии андозсупоранда, ки ташаккули низоми талаботи андозсупорандаро таъмин менамояд; интизориҳои арзишӣ, ки унсури муҳими институтсионализатсия мебошад, механизми ташаккули фарҳанги андозии мақомоти андоз, ки ба ҷамъоварии андоз ва пардохтҳо ба буҷет мусоидат менамояд, механизми ташаккули фарҳанги андози субъектҳои дигар, ки дар раванди андозбандӣ иштирок намуда, воридоти пурра ва саривақтии андозҳоро ба буҷети давлатӣ таъмин менамоянд.

Фарҳанги андоз аз дарки муҳиммияти пардохти андоз барои давлат ва ҷомеа ва донистани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои андозии андозсупорандагон бармеояд. Аз ин рӯ, мақомоти андоз на танҳо дар самти такмил додани қонунгузории андоз тадбирандешӣ мекунад, балки корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотиро миёни шаҳрвандон ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ тақвият мебахшад. Доираи саркашӣ аз пардохти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амнияти иқтисодии давлат таҳдид менамояд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир такмили низоми андозбандӣ, ташаккул ва рушди фарҳанги андози шаҳрвандон масъалаи таъхирнопазир маҳсуб меёбад.


Механизми ташаккули фарҳанги андоз
Намудҳои ташкили муносибатҳои андозӣ
Рафтори андозӣ
Интизоми андозӣ
Механизми ташаккули фарњанги андози андозсупоранда
Ташаккули афкори ҷомеа тавассути ВАО
Амсилаи хос ба андоз-супорандаи мушаххас
Иҷрои ихтиёрии ӯҳдадориҳои андоз
Тарғиби донишҳои андозӣ тавассути МТ
Амсилаи хос ба гурӯҳи андозсупорандагон
Муносибгардонии равандҳои андозӣ
Тарбияи фарҳанги андозии аҳолӣ
Амсилаи универсалии рафтори андозӣ
Саркашӣ аз пардохти андоз
Механизми ташаккули фарҳанги андозии мақомоти андоз
Баҳисобгирии андозсупорандагон
Қоидаҳои одоби касбии кормандони мақомоти андоз
Қабули эъломияҳои андоз, назорати интиқоли андозҳо
Меъёрҳои арзёбии сифати фаъолият ва рафтори касбӣ
Назорат ба татбиқи натиҷаҳои санҷишҳои андоз
Танзими баҳсҳои андозӣ бо тартиби ғайрисудӣ
Шикоят дар бобати санадҳои мақомоти андоз
Меъёрҳои арзёбии сатҳи ташаккулёфтаи фарҳанги андози давлат
Назорати хароҷоти зиёд, гардиши маҳсулоти зераксизӣ
Механизми ташаккули фарҳанги андозсупории дигар субъектҳое, ки дар раванди андозбандӣ иштирок менамоянд
Таъмини иҷрои ӯҳдадории андоз
Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии андоз
Муҷозоти андозӣ, ҷавобгарии маъмурӣ
Низоми муҷозоти андозӣ
Рӯёнидани ҷаримаҳо аз ҳисоби моликият
Рӯёнидани андоз бо тарзҳои таъмини ӯҳдадории андоз
Фоиз барои вайронкунии мӯҳлати пардохт
Рӯёнидани фоиз аз ҳисоби моликият

Аз ин рӯ, дар шароити муосир такмили низоми андозбандӣ, ташаккул ва рушди фарҳанги андозии шаҳрвандон масъалаи таъхирнопазир маҳсуб меёбад. Раванди ташаккули фарҳанги андоз бо мушкилоти зиёд дучор мегардад, ки мушкилоти зерин аз он ҷумлаанд:

- номукаммалӣ, бесуботии қонунгузории андоз;
- иттилоотонӣ ва тавзеҳоти нокофии шаҳрвандон, фаъолияти нокофии тарғиботӣ – иттилоотӣ, истифодаи шабакаҳои ВАО;
- сифати ғайриқаноатбахши иҷрои расмиёти андозӣ;
- нобоварии аҳолӣ ба мақомоти андоз;
- масъулияти иҷтимоии шаҳрвандон, соҳибкорон ва давлат;
- паст будани эътибори фаъолият дар мақомоти андоз, ҷойивазкунии кадрҳо;
- раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун сабаби афзоиши рақобати ташкилотҳо ва чун оқибат – ҷустуҷӯи доимии усулҳои коҳиши пардохтҳои андозӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор.

Раванди ташаккул ва рушди фарҳанги андоз – фаъолияти доимии давлат ва шаҳрвандон мебошад, ки ба самарабахшии сиёсати андоз таъсир мерасонад. Дар доираи содагардонии қонунгузории андоз ва такмили механизми ҳалли баҳсҳои андозӣ тақвияти вазифаҳои ҳавасмандгардонӣ ва бозтақсими низоми андозбандӣ, коҳиш додани хароҷоти транзаксионии маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани шароити қулайи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон муҳим арзёбӣ мегардад. Аз маълумоти омории мақомоти андоз бармеояд, ки аз соли 2017 то соли 2020 қаноатмандии андозсупорандагон аз сомонаи Кумитаи андоз аз 27,3 фоиз то 92,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Қаноатмандӣ дар бобати қонеъ гардонидани муроҷиати электронӣ аз соли 2016 то 2020 аз 23,8 фоиз то 68,8 фоиз, рейтинги умумии қаноатмандӣ аз низоми эъломияҳои электронӣ аз соли 2016 то 2020 аз 61,5 фоиз ба 97,7 фоиз афзоиш ёфтааст [5].

Барои ҳалли вазифаи дуюм зарур аст, ки сатҳи иҷрои ӯҳдадориҳои андози андозсупорандагон, иттилоотонии субъектҳои соҳибкорӣ баланд бардошта шуда, номгӯйи хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз ба андозсупорандагон зиёд карда шавад.

Ба мақсади таъмини ҳалли вазифаи сеюм тақвият бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба шаҳрвандон, тарғиби маданияти андозсупорӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, таҳияи луғати тавзеҳоти истилоҳоти асосии андозбандӣ ба мақсади баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ ва созмон додани машварати ғайриидоравии андозӣ муҳим мебошад.

Барои баланд бардоштани иҷрои расмиёти андозӣ (вазифаи чорум):

- таҳия ва татбиқи стандарти хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дар мақомоти андоз;
- ҷорӣ намудани механизмҳои мубориза бо коррупсия;
- азнавсозии низоми таъмини иттилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ бо андозсупорандагон;
- баланд бардоштани сатҳи касбият ва тақвият бахшидани ҳавасмандии кормандони мақомоти андоз;
- баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти харҷи маблағҳои пулии андозсупорандагон, беҳтар гардонидани сифати таъминоти иҷтимоӣ.

Барои ҳалли вазифаи панҷум «баланд бардоштани эътибори фаъолият дар мақомоти андоз» андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошад:

- мубориза самарабахштар бо коррупсия дар мақомоти андоз;
- баланд бардоштани ҳимоянокии молиявӣ ва ҳуқуқии кормандони мақомоти андоз, тақвият додани низоми ҳавасмандгардонии онҳо;

- баланд бардоштани тахассусмандии кормандони мақомоти андоз;
- фароҳам овардани нуфузи мусбии мақомоти андоз миёни аҳолӣ;
- назорати қатъии татбиқи амалии кодекси одоби хизматчии давлатӣ.

Ҳадафи асосии таҳия намудани кодекси одоби хизматчии давлатӣ тағйир додани афзалиятҳо дар фаъолияти мақомоти андоз ба мақсади беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон буда, вазифаи он – таъмини риояи этикаи касбӣ аз тарафи кормандони мақомоти андоз, муносибати одилона ва холисонаи онҳо ба андозсупорандагон, пешгирии бархӯрди манфиатҳои андозсупоранда ва кормандони мақомоти андоз аст.

Такмил додани сиёсати андоз ҷиҳати ба даст овардани самараи дилхоҳ бояд ба ҳамаи унсурҳои низоми амалкунандаи андозбандӣ, аз қабили қонунгузорӣ; таъминоти маъмурӣ, технологӣ, иттилоотӣ; дар маҷмӯъ фарҳанги андоз таъсир расонида, он бояд ҷузъи тадбирҳоиислоҳоти дар мамлакат амалишавандаи институтсионалӣ гардад [3,50].

Барпо намудани муносибатҳои шариконаи миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон вазифаи душворест, ки ҳалли он иҷрои амалҳои зеринро тақозо менамояд: якум, фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ (таҳияи қонунгузории босифат, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои ташкили фаъолияти мақомоти андоз мутобиқат менамояд); дуюм, омӯзиши ҳатмии донишҳои бунёдӣ, ки тӯли асрҳо илми молия кашф намудааст; сеюм, такмил додани ниҳодҳое, ки метавонанд робитаи кандашудаи байни пардохти андоз ва гирифтани манфиатро аз истеъмоли неъматҳои ҷамъиятӣ барқарор созанд, ба тағйир додани амсилаи интихоби оқилонаи андозсупоранда кӯмак расонанд. Нишондиҳандаи асосии сатҳи нави ҳамкории давлат ва андозсупорандагон бояд касбият ва масъулияти тарафайн, фарҳанги баланди андозсупорӣ ва интизоми андозӣ бошад.

Ташаккули сатҳи зарурии эътимоди мардум ба давлат, мақомоти андоз, сиёсати иҷтимоиву иқтисодии он вазифаи асосии мақомоти андоз ба ҳисоб меравад. Барои ин зарур аст, ки симои мусбати давлат дар назари андозсупорандагон ташаккул дода шавад: кафолатҳои давлатӣ воқеан бояд татбиқ ва зиндагии шоистаи мардум таъмин карда шавад.

Фарҳанги андоз ва интизоми андозӣ, масъулияти тарафайн ва сифатҳои касбӣ – нишондиҳандаҳои асосии сатҳи комилан нави муносибатҳои давлат дар шахси мақомоти андоз ва андозсупорандагон буда, дар ҷомеаи пешрафтаи шаҳрвандӣ бояд ақидае бартарӣ дошта бошад, ки пардохти андозҳои муқаррарнамудаи қонун на танҳо ӯҳдадорӣ, балки кафолати устувории давлат ва сохторҳои қудратии он мебошад. Сиёсати андоз бояд ба таҳияи чунин қонунгузорӣ такя намояд, ки дар он андозсупоранда хоҳиши саркашӣ аз пардохти андоз ва иҷрои масъулият надошта бошад [1,33].

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки дар самти ташаккули маърифати андозӣ ва фарҳанги андози иштирокдорони муносибатҳои андозӣ қадами аввал – даст кашидан аз хусусияти яктарафаи муносибатҳои байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон мебошад. Танҳо тавассути ҳамкорӣ фаъолияти самарабахши низоми андозбандиро таъмин кардан мумкин аст. Яъне, назари андозсупорандагон оид ба низоми амалкунандаи андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барпо намудани муносибатҳои судманди миёни давлат ва андозсупорандагон бояд таҷдиди назар карда шавад.

Самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани фарҳанги андоз инҳоанд:

♦ такмили қонунгузории андоз, такмили механизми ҳалли баҳсҳои андозӣ;

♦ ба таври назаррас баланд бардоштани самарабахшии ҳамкорӣ миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон;

♦ баланд бардоштани иттилоотонӣ, рушди машварати андозӣ, тарғиби фарҳанги андоз, интизом ва масъулияти андозӣ;

♦ баланд бардоштани сифати иҷрои расмиёти андозӣ.

Бояд қайд намуд, ки тадбирҳои мазкур, бидуни татбиқи чораҳои дахлдори қонунгузорӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ бесамар нахоҳанд буд. Барои ноил шудан ба суботи молиявии давлат ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат такмили маъмурикунонии андоз бояд дар ҳамбастагӣ бо ташаккули фарҳанги андозсупории ҷомеа амалӣ карда шавад. Баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ ва фарҳанги андози иштирокдорони муносибатҳои андозӣ бидуни дарки он ки андозсупоранда – шарики давлат мебошад, ғайримкон аст. Бинобар ин, омили муҳимми ташаккули фарҳанги андоз муносибати эҳтиромона ба мушкилоти андозсупоранда мебошад. Ҳамин тариқ, таҳияи консепсияи хизматрасониҳои иттилоотӣ – фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон ҳоло аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро танҳо дар сатҳи баланди фарҳанги андоз,риоя намудани интизоми андозӣ, коҳиш додани саркашӣ аз пардохти андоз ва баланд бардоштани даромади буҷет имконпазир мегардад.


***Пайнавишт:***

1. *Лукьяненков М.В. Налоговая дисциплина как элемент социально ответственного поведения государства, бизнеса и граждан // Известия высших учебных заведений. – Поволжский регион. Общественные науки. 2007. - №3. – С. 32 – 33.*
2. *Галухин А.В. К вопросу о налоговом поведении и повышении налоговой культуры налогоплательщиков // Социальное пространство: Социально – экономические исследования.- 2019. - 1(18). – С. 1- 8.*
3. *Гончаренко Л.И., Осетрова Н.И. О новой дисциплине: современные тенденции в формировании налоговой культуры// Налоги и налогообложение. – М., 2007. - № 11. – С. 55.*
4. *Захарьин П. А. Экономическая социология: исследования налоговой культуры и этики // Изв. Рос. гос. пед. ун-та им. А.И. Герцена. СПб.– 2013. – №156. – С. 152 – 157.*
5. *Маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.*
6. *Мирошниченко Л. Н. Налоговые обязательства как одна из функций культуры общества // Культурная жизнь Юга России. – М., 2009. – № 5. – С. 130-132.*

***Reference Literature:***

1. *Lukyanenkov M. V. Tax Discipline as an Element of socially Responsible Behaviour on the Part of State, Business and Citizens // Tidings of Higher Educational Establishments. The Volga Littoral Areas Region (Povolzhie). Social Sciences. 2007, N3, - pp. 32-33*
2. *Galukhin A. V. To the Issue of Tax Behaviour and Elevation of Tax Culture in Reference to Taxpayers // Social Space: Social-Economic Researches. 2019, N1 (18). –pp. 1-8*
3. *Goncharenko L. I., Osetrova N. I. On the New Discipline: Modern Tendencies in Tax Culture Formation // Taxes and Taxation. – M., 2007, N11. – p. 55*
4. *Zakhariyn P. A. Economic Sociology: Researches on Tax Culture anot Ethics // Tidings of Russian State Pedagogical University named after A. I. Hertsen. St.Psb.– 2013, N156. – pp. 152-157*
5. *Report of the National Committee under Tajikistan Republic Government. – Dushanbe, 2021*
6. *Miroshnichenko L. N. Tax Obligations as one of the Functions of Society Culture // Cultural Life of the South of Russia. –M., 2009, N9. – pp. 130-132*